| № | Таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи манъ намудани воридот ва истифодаи борҷомаҳои полиэтилении ғафсиашон то 15 микрон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ғайр аз борҷомаҳои бедаста, ки қисми ҷудонашавандаи мол мебошанд)” | |
|---|---|---|
| 1 | Намуд ва номи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи манъ намудани воридот ва истифодаи борҷомаҳои полиэтилении ғафсиашон то 15 микрон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ғайр аз борҷомаҳои бедаста, ки қисми ҷудонашавандаи мол мебошанд)” |
| 2 | Маълумот дар бораи тахиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 3 | Доираи шахсоне, ки санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбат ба онҳо паҳн мегардад | Субъектоне, ки дар соҳаи воридот ва истифодаи борҷомаҳои полиэтилении ғафсиашон то 15 микрон иштирок менамоянд. |
| 4 | Муҳлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | 10 ноябри соли 2022 |
| 5 | Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи Қонуни мазкур дар Феҳристи нақшаи таҳияи лоиҳаи санади маъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 ноябри соли 2021 ҷойгир карда шуда, машварати оммавӣ нисбати лоиҳаи қарори мазкур аз 15 ноябр то 15 декабри соли 2021 гузаронида шуд. |
| 6 | Маҷмӯи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиронии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо | Аз руйи натиҷаи ҷойгиркунии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи қарори мазкур аз тарафи мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ таклифу пешниҳод ворид нагардидааст. |
| 7 | Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он | Яке аз мушкилоте, ки имрӯзҳо ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст, ин ҷамъшавии зарфу борҷомаҳои |

| | | |
|---|---|---|
| | қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад | пластикии зиёд мебошад, ки Тоҷикистон низ аз он истисно нест.<br>Шурӯъ аз солҳои 90-уми асри гузашта ба зарфу борҷомаҳои пластикӣ, бинобар сабаби арзон буданашон ва имкони истифодабарӣ барои нигоҳубини ҳама гуна маҳсулот, талабот зиёд гашт. Аммо таъсири манфии борҷомаҳои пластикӣ ба муҳити зист ба зудӣ эҳсос гардида, ҷомеаи ҷаҳонӣ барои даст кашидан аз истифодаи онҳо кӯшиш ба харҷ дода истодааст. Тибқи мушоҳидаҳои коршиносон, дар як сол беш аз 275 миллион тонна партовҳои пластикӣ ҳосил мешаванд, ки аз он тақрибан 12 миллион тонна ба ба баҳрхо партофта шуда, таъсири он ҳамасола 1 миллион парандаҳо, 100 ҳазор ҳайвоноти баҳрӣ ва шумораи зиёди моҳиҳо ба нестӣ мерасанд.<br>Маҳсулоти пластикӣ муддати тӯлонӣ, аз 200 то 400 сол, таҷзия шуда, ба микропластикҳо тақсим мешавад. Хок ва обро заҳролуд мегардонад, ба занҷири гизои ҳайвонот ва одамон дохил шуда ва ба касалиҳои вазнин оварда мерасонад.<br>Ҳамчунин, мутахассисону коршиносон таъкид менамоянд, ки зарфу борҷомаҳои пластикӣ ва полиэтилениро набояд баъд аз истифода бурданашон сӯзонд ва ё дар кӯчаҳо партоянд, зеро онҳо аз худ моддаҳои махсуси заҳролудро хориҷ мекунанд, ки ҳам ба муҳити зист ва ҳам ба саломатии инсон таъсири манфӣ мерасонанд.<br>Ҳангоми истеҳсоли маҳсулоти пласттикӣ ба он моддаҳои гуногуни кимиёвӣ илова карда мешаванд. Ин иловаҳои моддаҳои кимиёвӣ бо полимерҳо дар марҳилаҳои гуногуни раванди истеҳсолот барои тағйир додани хусусиятҳои физикӣ, гармӣ, электрикӣ ё эстетикии онҳо якҷо карда мешаванд, барои одамон захрнок мебошанд, метавонанд ба организми инсон ворид шуда, равандҳои физиологиро халалдор созанд.<br>Тибқи маълумоти Созмони Милали Муттаҳид, агар то соли 2050 одамон аз истифодаи зарфу борхалтаҳои пластикӣ даст накашанд, дар уқёнуси ҷаҳонӣ аз моҳӣ дида партовҳо бештар мешаванд. Моҳи марти соли |

| | | |
|---|---|---|
| | | 2019 ин масъала муддати панҷ рӯз дар ҷаласаи Маҷмааи Умумии СММ дар Найроби (Кения) мавриди баҳсу муҳокимаронии қариб 5 ҳазор ширкаткунандагон – вазирон, донишмандон ва соҳибкорон қарор гирифта буд. Дар натиҷа, Маҷмааи Умумии СММ қатъномаеро қабул намуд, ки тибқи он дар муддати 10 соли оянда бояд 170 кишвари олам истифодаи маводҳои пластикиро маҳдуд намоянд. Аммо чандин кишварҳо мунтазири ин мӯҳлат нашуда, дар ин роҳ аллакай тадбирҳо андешидаанд. Дар Франсия ва Литва аллакай истифодаи чунин мавод манъ карда шудааст. Дар Гурҷистон, Украина, Белорус, Қазоқистон ва Ӯзбекистон низ истифодаи маводҳои пластикӣ маҳдуд шудааст. Аз соли 2019 дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон воридот ва истифодаи борҷомаҳои полиэтиленӣ ва пластикии кутрашон то 40 микрон барои истифодабарӣ бо мақсадҳои тиҷоратӣ, ба истиснои истифодабарӣ бо мақсадҳои шахсӣ, манъ карда шудааст. Дар кишварҳои дигар, амсоли ИМА, Россия, Қирғизистон ва ғайра чунин меандешанд, ки ин гуна тадбирҳо бояд тадриҷан ва давра ба давра роҳандозӣ карда шаванд.<br>Кишварҳои пешрафтаи дунё барои даст кашидан аз истифодаи зарфу борҷомаҳои пластикӣ ва полиэтиленӣ кӯшишҳо карда, давра ба давра рӯ ба истифодаи борҷомаҳои қоғазӣ ва латтагин овардаанд, ки партофтани онҳо ба партовгоҳҳои сахти маишӣ ба муҳити зист таъсири манфӣ надошта, дар муддати кӯтоҳ пӯсида ба манбаи порӯи органикӣ мубаддал мегарданд. Инчунин, барои истеҳсоли борҷомаҳои қоғазӣ ва латтагин хатҳои технологии гаронарзиш зарур набуда, истеҳсоли онҳоро дар заминаи коргоҳҳо ва корхонаҳои дӯзандагӣ ташкил намудан имконпазир мебошад.<br>Тибқи маълумотҳо, дар ҳудуди ҷумҳурӣ фақат дар вилояти Суғд 3 адад корхона бо истеҳсоли маҳсулотҳои полиэтиленӣ мавҷуд буда, онҳо пурра эҳтиёҷоти ҷумҳуриро бо борҷомаҳои полиэтиленӣ таъмин карда наметавонанд.<br>Аслан ин маҳсулотҳо аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва |

| | | |
|---|---|---|
| | | Россия ворид карда мешаванд. Ҷумҳурии Ӯзбекистон истифодаи маҳсулотҳои пластикиро то 40 микрон дар ҳудуди ҷумҳурии худ манъ карда бошад ҳам, содироти онро манъ накардааст. Бо сабаби манъ шудани истифодабарии маҳсулотҳои пластикӣ дар дигар ҷумҳуриҳои ҳамсоя, маҳсулотҳои истеҳсолшуда ва боқимонда метавонанд ба ҷумҳурии мо ворид гарданд.<br>Дар баробари ин масъалаи ҳавасмандгардонии корхонаҳои истеҳсолӣ, ки бо истеҳсоли борҷомаҳои аз ҷиҳати экологӣ безарар аз қоғаз, картон, латта, сафол ва полиэтиленҳои биологии тезпӯсанда машғуланд ва марказу дуконҳои савдо, ки аз фурӯши борҷомаҳои полиэтиленӣ даст мекашанд аз пардохти экологӣ ба миқдори 15% озод карда мешаванд.<br>Бо назардошти гуфтаҳои боло, қабул ва мавриди амал қарор гирифтани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи манъ намудани воридот ва истифодаи борҷомаҳои полиэтилении ғафсиашон то 15 микрон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ғайр аз борҷомаҳои бедаста, ки қисми ҷудонашавандаи мол мебошанд)» ин қадами аввалин дар коҳиш додани истифодабарии маҳсулотҳои пластикии истифодабариашон яккарата буда, амали саривақтӣ ва самарабахш дар эмин нигоҳ доштани саломатии аҳолӣ ва тоза гаштани муҳити табиати биҳиштосоямон аз таъсири номатлуби ин намуди партовҳо ба ҳисоб меравад.<br>Бо назардошти гуфтаҳои боло, қабул ва мавриди амал қарор гирифтани қарори мазкур амали саривақтӣ ва самарабахш мебошад. |
| 8 | Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат | Мақсади дахолати давлат ҳифзи саломатии аҳолӣ ва пешгирии ифлосшавии муҳити зист аз ҳамагуна партовҳо, аз ҷумла партовҳои полиэтиленӣ. |
| 9 | Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбинишудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии | Лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи манъ намудани воридот ва истифодаи борҷомаҳои полиэтилении гафсиашон то 15 микрон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ғайр аз борҷомаҳои бедаста, ки кисми ҷудонашавандаи мол мебошанд)» тибқи супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели |

| | | |
|---|---|---|
| | пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот | соли 2021, №25963, талаботи моддаи 18 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи партовҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ», бо мақсади ҳифзи саломатии аҳолӣ ва пешгирии ифлосшавии муҳити зист таҳия ва пешниҳод шудааст.<br>Дар лоиҳаи пешниҳодшуда, чораҳои зерин пешбинӣ гардидааст:<br>- ҳавасмандгардонии корхонаҳои истеҳсолӣ, ки бо истеҳсоли борҷомаҳои аз ҷиҳати экологӣ безарар аз қоғаз, картон, латта, сафол ва полиэтиленҳои биологии тезпӯсанда машғуланд ва марказу дуконҳои савдо, ки аз фурӯши борҷомаҳои полиэтиленӣ даст мекашанд;<br>- манъ намудани воридоти борҷомаҳои полиэтилении ғафсиашон то 15 микрон;<br>- манъ намудани истеҳсоли борҷомаҳои полиэтилении ғафсиашон то 15 микрон;<br>- манъ намудани ба борҷомаҳои полиэтилении ғафсиашон то 15 микрон.<br>Лоиҳаи қарори мазкур чунин уҳдадориҳоро барои субъектҳои соҳибкорӣ пешбинӣ шудааст:<br>Истеҳсоли борҷомаҳо аз ҷиҳати экологӣ тоза ва бехатар.<br>Лоиҳаи қарори мазкур чунин маҳдудиятҳоро барои субъектҳои соҳибкорӣ пешбинӣ менамояд:<br>манъ намудани воридот, истеҳсол ва ба фурӯш баровардани борҷомаҳои полиэтилении ғафсиашон то 15 микрон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. |
| 10 | Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилои баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ) | Чораҳои андешидашуда роҳи ҳали масъалаи мазкур набуда, бидуни таҳия ва қабули лоиҳаи мазкур ба роҳ монда намешавад. |
| 11 | Арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоиӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули | Қабули лоиҳаи қарори пешниҳодшаванда аз буҷети давлатӣ маблағҳои иловагиро талаб намекунад.<br>Оқибатҳои ичтимоии лоиҳаи мазкур:<br>- сатҳи маърифатнокии ҳуқуқии аҳолӣ баланд мегардад; |

| | | |
|---|---|---|
| | санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё роҳи дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот | - ҳифзи муҳити зист ва саломатии аҳолӣ таъмин мегардад;<br>- истифодаи борҷомаҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза ва бехатар.<br>Оқибати иқтисодии лоиҳаи мазкур:<br>Таъмини бозори дохилӣ бо борҷомаҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза ва бехатар. |
| 12 | Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии он | То соли 2025 истифодабарии борҷомаҳои полиэтилении ғафсиашон то 15 микрон манъ карда шуда, ба истифодабарии борҷомаҳои қоғазӣ, латтагин ва полиэтиленҳои биологии тезпӯсанда гузашта мешавад. |
| 13 | Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он | 1 январи соли 2023 |

Муовини раис Мавлодод А. М.